# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи «Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М. (раиси комиссия), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов З. (аъзо) ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонов А.К. (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14 – уми сентябри соли 2024, суратмаҷлиси № 83а таъсис дода шудааст, диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи «Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровардаанд:

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи «Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», муҳим, тақозои замон, саривақтӣ ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи муаллиф ба шумор меравад, ки афзалиятҳои хизматрасониҳои мақомоти андозро ҷиҳати рушди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар бар мегирад.

Дар шароити муосири иқтисодӣ, вобаста ба талаботи стандартҳои ягонаи хизматрасониҳои электронӣ истифодабарандагон иттилоот имконият барои дастрасии ахборот пайдо мекунанд, ки фаъолияти ҳар як субъекти хоҷагидор мавриди таваҷҷуҳи васеи иштирокчиёни гуногуни муносибатҳои бозорӣ қарор мегирад. Вобаста аз шароити танзими муносибатҳои бозорӣ, яъне кору хизматрасониҳо ва фурӯши маҳсулот, давлат ҳамеша бо мақсади такмили низоми қонунгузории андоз ва вусъат бахшидан ба рушди маъмурикунонии

андоз, ҳамчун василаи беҳтар гардидонии ҷараёни муомилоти соҳаҳо дар андозбандӣ мебошад, мусоидат менамояд.

Рақамикунонии иқтисодиёт афзалияти аввалиндараҷаи рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар шароити муосир арзёбӣ мегардад, ки тадбирҳои саривақт анҷомдодаи мақомоти андоз ҷиҳати такмили маъмурикунонии андоз бо мақсади кам намудани ҳаҷми гардиши қоғазҳо дар ҳисоботҳо, таъмини шаффофияти воридоти андоз, беҳтар намудани шароити хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ки воситаи муҳими табодули маълумотҳо, ҳамкориҳои фосилавӣ ва таъмини ҳисоббаробариҳои ғайринақдӣ мебошанд. Чунин механизми рушди маъмурикунонии андоз на танҳо ба истифодабарандагони дохилӣ, балки ба истифодабарангони берунӣ воситаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Рақамикунонии иқтисодиёт дар аввал қобилияти давлатро оид ба ҷамъоварии маблағҳои андоз суст гардонида, бо гузаронидани ислоҳотҳо дар низоми қонунгузории андоз шароитҳои нави иқтисодиро таъмин менамояд. Ҳолати ба миён омадаи навовариҳои технологӣ, рушди иқтисоди рақамиро дар бахшҳои иқтисоди миллӣ арзёбӣ менамояд, ки чунин раванд дар шароити ҷаҳонишавӣ ба рақамикунонии истеҳсолот, низоми молия, андоз, бонк ва дигар соҳаҳо ҳамчун шарти ҳатмӣ дар ҳамкориҳои байни соҳавӣ дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ба назар мерасанд.

Дар ин замина метавонам қайд намоям, ки ҷиҳати вусъатдиҳии маъмурикунонии андоз, Кумитаи андоз қадамҳои нахустинро дар асоси тадбиқи Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 5 ноябри соли 2003 таҳти № 1174 ба роҳ монда, бо мақсади дастрасии иттилоот ва маълумотҳои дар мақомоти андоз қоидиҳои муайяни тартиби бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорни инфиродиро аз рӯи принсипи “Равзанаи ягона” – ро таъмин менамояд.

Рушди маъмурикунонии андоз ҳамчун ҳадафҳои стратегии кишвар буда, бо дар наздошти қабул ва амалӣ намудани барномаҳои миёнамуҳлат, зарурияти ташкили хизматрасониҳо ва роҳу усулҳои нави идоракуниро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба вуҷуд меорад. Айни замон сеюмин марҳилаи

иҷрои барномаҳои миёнамуҳлати рушди маъмурикунонии андоз то давраи соли 2025 давом ёфта истодааст, ки тадбирҳои баҳри вусъатёбии рақамикунонии андозро таъмин менамояд. Қабул гардидани Кодекси андоз дар таҳрири нав яке аз тадбирҳои муҳими вусъатёбӣ дар самти рақамикунонӣ ба ҳисоб меравад, ки ин дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ тариқи рушди маъмурикунонии андоз, беҳтар ва бештар намудани хизматрасониҳои электронӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, рақамикунонии муносибатҳои андозӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ арзёбӣ менамояд.

Бинобар ин, масъалаи коркарди ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва такмили маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунии иқтисодиёт таҳқиқоти иловагиро талаб менамояд. Мутобиқ намудан ва такмил додани механизми рушди маъмурикунонии андоз дар асоси Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030 муфид мебошад, ки мубрамияти мавзуи таҳқиқотшавандаро муайян мекунад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Тоҷикистон муҳокима ва барои баррасӣ ба зинаи минбаъда тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 – и Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар низоми маъмурикунонии андоз ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Барои амалигардонии ҳадафҳои стратегии мамлакат, аз ҷумла Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 5 ноябри соли 2003 таҳти № 1174, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва системаи ягонаи ҳамкориҳои давлатӣ байни тамоми мақомотҳои идоракунанда бо мақсади ба роҳ мондани раванди ташаккули низоми мукаммали ҳукумати

электронӣ марҳила ба марҳила рушд додани шаклҳои электронии мубодилаи маълумотҳо, рушди соҳаи хизматрасониҳои иттилоотӣ, ҳалли масъалаҳои ҳамкориҳои иттилоотии мақомотҳои давлатӣ, татбиқи лоиҳаҳо оид ба таъсиси марказҳо вобаста ба самти пайгирии "Равзанаи ягона" дар тамоми минтақаҳои кишвар ва дар ин замина мусоидат намудан ба сатҳи ихтисосмандии кормандон ва зиёд намудани хизматрасониҳои электронӣ барои аҳолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида истодаанд, ки хеле муҳим мебошанд.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ки он вобаста ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 - юми декабри соли 2021, таҳти № 349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 29 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 15,7 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 11,15 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боқимонда дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд, ки пурра мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Андоз ва андозбандӣ», «Назария ва таърихи андоз», «Менеҷмент ва маъмурикунонии андоз», «Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Назорати андоз» (маълумотномаи № 441/11 аз 20.11.2023 сол) ва дар амалияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № 20222/11.1 аз 24.11.2023 сол) тавсия карда шудааст.

6. Дар диссертатсияи Исматов А.Ф. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

7. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Исматов А.Ф. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

Асолати матни автореферати диссертатсия 87,36 % ва диссертатсия 80,69 % аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият даровварда шуданд.

8. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва муқарраротҳи нави илмии барои ҳимояи расмӣ пешниҳодшаванда мебошад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илми иқтисодиёт шаҳодат медиҳад.

Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, инчунин бандҳои 67, 69, 74-75 -и Тартиби додани дараҷаҳои илм (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи «Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда

шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

- **Яқубзода Маъруф Садруддин**, доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи 100 нусха автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Шарифзода Б.М.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Султонов З.С.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Қурбонов А.К

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

03.10.2024